**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои об, гидрохимия)**

Диссертатсияи Муҳибуллоев Неъматулло Муҳибуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим» дорои аҳамияти муайяни илмӣ ва амалӣ мебошад. Воқеан, захираҳои об барои рушди иқтисоди миллӣ, таъмини оби нӯшокию истеҳсолӣ ва ҳифзи муҳити зист дар Тоҷикистон нақши стратегӣ доранд. Тағйирёбии иқлим ба таври мустақим ба захираҳои об таъсир расонида, дар самти идоракунии самараноки дарёҳо ва истифодаи захираҳои об мушкилот ва масъалаҳои ҳалталабро ба миён меорад. Аз ин ҷиҳат, мавзӯи интихобшуда ҳам аҳамияти стратегӣ ва ҳам аҳамияти илмӣ дорад, зеро омӯзиши даврияти гидрологии дарёи Кофарниҳон метавонад барои таҳияи тадбирҳои самаранок дар самти истифода ва ҳифзи захираҳои об заминаи илмӣ фароҳам оварад.

Кори таҳқиқотии мазкур аз пешгуфтор, 4 боб, натиҷаҳои асосӣ, 3 замима ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (иборат аз 124 номгӯй) иборат мебошад.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва натиҷаҳои кори диссертатсионию таркиби он 17 мавод интишор шудааст, аз ҷумла: 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва эътирофнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; 8 мақола дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ; 4 мақола дар дигар маҷаллаҳо. Инчунин, муаллиф дорои 1 нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 дастури таълимиву методӣ мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф доир ба мубрам будани мавзуи таҳқиқот, дараҷаи ҳаллу фаслгардии он дар соҳаи гидрология, мақсаду вазифаҳо, асосҳои назариву методологии мавзӯъ, сарчашмаҳои таҳқиқот ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, аҳамияти назариву амалӣ, навгониҳо, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ назаращро ба таври илмӣ баён намуда, саҳми шахсии худ -докторанти (PhD)-ро арзёбӣ кардааст.

Докторанти (PhD) Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич мавзуи таҳқиқотро ба омӯзиши хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷро, алоқамандии он бо нишондиҳандаҳои иқлимӣ, таҳлили идоракунии

захираҳои об ва пешгӯии сатҳи об барои солҳои оянда равона кардааст. Мақсади асосии тадқиқот муайян кардани хусусиятҳои даврияти гидрологии дарёи Кофарниҳон ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои истифодаи самараноки захираҳои об, вобаста ба шароити тағйирёбии иқлим, мебошад ва барои амалӣ шудани он муаллиф таҳлили хусусиятҳои гидрологии захираҳои об, муайян намудани алоқамандии даврияти гидрологӣ бо нишондиҳандаҳои иқлимӣ, ҳисобкунии сатҳи об ва речаи гидрологӣ дар 50 соли охирро гузаронида, амсилаҳои математикӣ ва тавсияҳо оид ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои обро омода ва пешниҳод намудааст.

Аз мазмуну моҳияти автореферат бармеояд, ки натиҷаҳои таҳқиқот дорои навоварии илмӣ, аз ҷумла, пешниҳоди таҳлили бисёрсолаи даврияти гидрологии дарёи Кофарниҳон, муайян кардани алоқамандии гидрология бо нишондиҳандаҳои метеорологӣ ва иқлимӣ, таҳлили речаи гидрологӣ ва элементҳои тарози об бо ретроспективаи 50 соли охир, мебошад.

Пешниҳоди докторанти (PhD) Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич ҷиҳати амсиласозии математикӣ ва моделсозии пешгӯӣ барои соли оянда нишон медиҳад, ки кори диссертатсионии мазкур дорои сатҳи баланди илмӣ буда, қобили татбиқ дар амал мебошад. Инчунин, тавсияҳо оид ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об, бо дарназардошти принсипҳои рушди устувор, пешниҳод шудаанд ва метавонанд ҳамчун дастури амалӣ барои мақомоти давлатӣ, идораҳои обуҳавошиносӣ ва муассисаҳои таҳқиқотӣ хизмат кунанд.

Муаллиф ҳамчунин ба таълими илмӣ ва татбиқи натиҷаҳои амалӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар шакли мақолаҳо, маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, дастурҳои методӣ ва нахустпатент пешниҳод гардидаанд. Ин нишон медиҳад, ки кори илмӣ на танҳо ба таҳияи дониш ва навоварӣ дар илм мусоидат мекунад, балки барои омӯзиши донишҷӯён ва истифодаи амалии мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои тадқиқотӣ низ арзишманд мебошад.

Тибқи хулосаи муаллифи диссертатсия, тағйирёбии маҷрои дарёи Кофарниҳон, аз ҷумла камшавии қимматҳои максималӣ ва афзоиши қимматҳои минималии сарфи об, асосан як тамоюли мусбӣ дорад. Ин нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои тақсимотӣ ва паҳншавии маҷрои дарё вазъи хоҷагии об, бахусус таъмини об барои аҳолӣ, объектҳои саноатӣ ва обёрии заминҳо, рӯ ба беҳбудӣ ва афзоиш дорад.

Дар рафти мутолиа дар матни автореферат камбудиҳои зерин мушоҳида мегарданд:

1) зарурати амсиласозии математикии нишондиҳандаҳои метеорологӣ ва ташаккулёбии маҷрои ҳавзаи дарёи Кофарниҳон шарҳ дода нашудааст;
2) бартариятҳои амсилаи консептуалии идоракунии захираҳои оби ҳавзаи дарёи Кофарниҳон шарҳ дода нашудааст;
3) дар матни автореферат ба баъзе камбудиҳои имлоӣ роҳ дода шудааст.

Вале, дар маҷмӯъ камбудиҳои номбаршудаи автореферат қимати илмии онро коҳиш намедиҳанд. Аз ҳамин лиҳоз, автореферати кори диссертатсионнии докторанти (PhD) Муҳибуллоев Неъматулло Муҳабатуллоевич дар мавзуи «Хусусиятҳои даврияти гидрологии маҷрои дарёи Кофарниҳон дар шароити тағйирёбии иқлим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D061000 - Гидрология (6D061001- Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) муҳтавои мухтасари таҳқиқоти мукаммал ва ба анҷом расидаи илмӣ ба ҳисоб рафта, ба талаботи аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида, ҷавобгӯ мебошад.

Тақриздиҳанда:

номзади илмҳои техникӣ, саромӯзгор-дотсенти
кафедраи "Физика" –и Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав Ализода А.А.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Телефон: (+992) 938043104
E-mail.: ahmadjon_alizoda1952@mail.ru

Имзои номзади илмҳои техникӣ
А.А. Ализодаро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав Нажмидинов М.М.
Суроғаи муассиса:
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Tel.: (83222) 2-54-81, 2-22-53
E-mail.: bgu-1978@mail.ru

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

05 марти соли 2026